# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 28 апрели соли 2023 барои сазовор донистани Изатуллозода Пайрави Нусратулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 22 феврали соли 2023, суратмаҷлиси №9 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2022, №128/ шд тасдиқ гардидааст) қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Изатуллозода Пайрави Нусратулло 16 ноябри соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Номбурда соли 2019 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм намуда, шурӯъ аз соли 2020 ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Аз 28 декабри соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар он замон Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси ҳимояшаванда ба тариқи буҷавӣ қабул гардидааст (фармоиши ректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2019, №186-1). Мавзуи диссертатсия – «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар

ҷаласаи Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (аз 31 марти соли 2020, №8/11). Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласа ва семинарҳои он борҳо муҳокима гардида, ба экспертизаи даври дуюми муассиса тавсия гардидааст (суратҷаласаи №3, аз 8 ноябри соли 2022). Диссертатсия дар ҷаласаи Шурои васеи олимони факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 2022, суратмаҷлиси №4/1 муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Диноршоҳ Азиз Мусо** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

**Каримов Ҳусейн Мухторович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:**

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби муқарриз Санавваров Ғолибҷон Бақоевич, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон имзо гардидааст, қайд мегардад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҳамзамон мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-

амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Изатуллозода П.Н. Понятия и признаки органов при Президенте Республики Таджикистан [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2020. – №4/1 (48). – С. 155-160.
2. Изатуллозода П.Н. Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули мақомоти наздипрезидентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе. – 2021, – № 2 (34). – С.164-177.
3. Изатуллозода П.Н. Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе. – 2021. – №3 (23). – С. 67-75
4. Изатуллозода П.Н. Таснифи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2021. – №4/1 (53). – С. 156-163.
5. Изатуллозода П.Н. Хусусиятҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / А.Д. Ғафурзода, П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2022. – №2. – С. 122-131.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд:**

6. Изатуллозода П.Н. Принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ: таърихи пайдоиш ва аҳамияти он. [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ” дар

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2020. – С. 84-94.

7. Изатуллозода П.Н. Касбият ва салоҳиятнокии хизматчиёни давлатӣ ҳамчун принсипи таъминоти кадрӣ дар мақомоти давлатӣ. [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Масъалаҳои муҳими идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар шароити татбиқи ҳукумати электронӣ” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе. – 2020. – С. 313-316.

8. Изатуллозода П.Н. Нормативно-правовые основы организации и деятельности органов при Президенте Республики Таджикистан [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ “Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2021. – С. 280-287.

9. Изатуллозода П.Н. Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи ҷумҳуривии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Иштироки ҷавонон дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2021. – С. 124-128.

10. Изатуллозода П.Н. Принсипҳои конститутсионӣ ва нақши онҳо дар ташкил ва баамалбарории фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи сиёсати хориҷӣ” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе. – 2021. – С. 71-88.

11. Изатуллозода П.Н. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалиии муқоивимат бо коррупсия таҳти унвони “Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2021. – С. 472-483.

12. Изатуллозода П.Н. Асосҳои ҳуқуқӣ ва давраҳои ташаккули Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н.

Изатуллозода, М.Р. Каримов // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот дурнамо ва роҳҳои ҳалли он" Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2021. – С. 85-93.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Зоир Ҷ.М.** – сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Вализода Н.Д.** – сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; **Юнусова О.М.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқшиносии факултети тиҷорат, фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи ДИС ДДТТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; **Сулаймонзода М.С.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокӣ дошта, манзур гардидаанд. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба хусусиятҳои мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи ташаккули мақомоти мазкур то замони Истиқлоли давлатӣ, такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва монанди ин масъалаҳоро фаро мегиранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– мафҳум, хусусият ва ҷойи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муайян намудааст;

– марҳилаҳои ташаккули мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ муайян намудааст;

– шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, мазмун ва моҳияти онҳоро шарҳ додааст;

– санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, камбудиҳои ҷойдоштаро ошкор ва барои бартараф намудани онҳо таклифҳо манзур намудааст;

– унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, табиати ҳуқуқии салоҳияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намудааст;

– тарзҳои амалишавии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда мешавад, ки:**

– маводи рисолаи диссертатсионӣ донишҳои илмиро дар самти омӯзиш ва таҳлили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал гардонида, барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамояд;

– натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, камбудиҳои ҷойдошта дар сатҳи қонунгузорӣ бартараф карда шаванд;

– бобати такмили минбаъдаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия** ҷойдошта ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла диалектикӣ, низомнокӣ, хулосабарорӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ-ҳуқуқӣ истифода гардидаанд.

Ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимон ватанию хориҷӣ ба монанди С.И. Иброҳимов, Б.Ҳ. Раззоқов, А.Д. Ғафурзода, Р.Н. Маъруфӣ, А.М. Диноршоҳ, Х. Ойев, Р.Ш. Сотиволдиев, З.М. Ализода, И.А. Имомов, Ҷ.Н. Ҷамшедзода, З.М. Соибов, Б.Ғ. Наимов, Ҳ.М. Каримов, Ҷ.Ш. Қодиров, Ғ.Б. Санавваров, З.М. Раҳматова, С.М. Сулаймонов ва олимони хориҷӣ А.Н. Борисов, Б.В. Россинский, Ю.Н. Старилов, П.П. Глушенко, Г.Б. Романовский, В.И. Кайнов, А.П. Коренев, А.П. Алехин,

А.А. Кармолитский, Д.Н. Бахрах, В.Ф. Халипов, Т.В. Шукина, Л.П. Юзков ва дигарон дар раванди таҳияи диссертатсия омӯхта шудаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастомадаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

– нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории маъмурии кишвар дар самти такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор бошанд;

– натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои “Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ҳамзамон, ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисос ба роҳ монд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон додаанд, ки:**

– нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ҳуқуқи маъмурӣ, махсусан вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроия, хусусан мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамоянд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳои асарҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии давлатҳои хориҷӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳҳеҳона ва мусбии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин менамоянд;

– натиҷаҳои илмӣ, тавсия ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқи маъмурӣ пазируфташуда мазмуни ва моҳияти махсуси худро дошта, навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд;

– навгонӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, инчунин такмили минбаъдаи низоми мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ғайра метавонанд мусоидат намоянд.

**Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ** бо сатҳи навгониҳои диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегарданд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 28 апрели соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Изатуллозода Пайрави Нусратулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2022, №128/ шд тасдиқ гардидааст, 11 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктopони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – “11 нафар”, муқобил – “нест”, блютенҳои беэътибор нест.

**Раисикунанда, муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Иброҳимов С.И.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Рустамзода Ҷ.Ю.**